Тақриз

ба диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна дар мавзуи “Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Мавзуи интихобнамудаи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна таҳти унвони мавзуи “Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII” мубрам буда, он метавонад дар ошкоргардии хусусиятҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологии таърихномаҳои садаҳои X-XIII ҳамчун раҳнамо барои пажуҳишҳои минбаъда хидмат намояд.

Диссертатсия, чунон ки аз мутолиаи автореферати он бармеояд, аз муқаддима, шаш боб, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ иборат аст.

Дар боби аввали дисссертатсия муаллиф ба масъалаҳои таҳаввули сабки нигориши таърихномаҳои ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълифгардида ва аз забони арабӣ тарҷумашуда даст зада, нишон додааст, ки ин навъи осор низ дар қатори маъхазҳои дигар сарчашмаи муҳимми маҳфуздорандаи воҳидҳои рехтаи забон ба шумор мераванд ва истифодаи онҳо ба ҳусни баёни муаллифон ё мутарҷимони таърихнома таровати хоссае бахшидаанд.

Боби дуюми диссертатсия ба мансубияти забонии калимаҳои соматикии дохили воҳидҳои фразеологӣ бахшида шуда, дар фаслу зерфаслҳои он нақши калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ, махсусан арабӣ ҳамчун унсурҳои луғавии меҳварӣ дар шаклгирии ин гурӯҳи ифодаҳои забон нишон дода шудааст.

Диссертант чунин воҳидҳои устуворро ба ду навъ: номӣ ва феълӣ ҷудо намуда, дараҷаи истифодаи онҳоро дар осори таърихӣ муайян кардааст.

Дар боби сеюми диссертатсия нақши калимаҳои ғайрисоматикӣ дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ баррасӣ гардида, чунин вожаҳо ба

се навъ: вожаҳои аслии тоҷикӣ, вожаҳои аслии тоҷикиву иқтибосии забонҳои дигари эронӣ, иқтибосҳои арабӣ ва вожаҳои омехта (аслии тоҷикиву иқтибосӣ) ҷудо карда шудаанд.

Дар фаслу зерфаслҳои ин боб диссертант воҳидҳои фразеологии дар таърихномаҳо дучоршударо ба ду хели асосӣ: ибораҳои номӣ ва феълӣ ҷудо карда, мавридҳои ба кор рафтани ҳар кадомашонро таҳлил кардааст ва хулоса намудааст, ки дар осори таърихии қарнҳои X-XIII назар ба ибораҳои номӣ навъи феълии онҳо зиёд мушоҳида мешаванд

Боби чоруми таҳқиқоти Ҷӯраева С. Б. ба масъалаи вариантнокии воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои асрҳои X-XIII бахшида шуда, унвонҷӯ дар натиҷаи таҳлил ва бо ҳамдигар муқоиса намудани хусусиятҳои истифодаашон ба хулосае омадааст, ки аз байни чунин навъҳои вариантнокӣ дар ин навъ осор бештар мувозиҳои луғавӣ ба кор рафтаанд.

Боби панҷуми диссертатсия фарогири масъалаи муродифҳои дар чунин осор истифодашуда мебошад. Азбаски дар таърихномаҳо бештар ҳодисаҳои ҷангу ҷидоли хонадонҳо барои тахту тоҷ зикр шудаанд, бештар калимаву ибораҳои ба марг, куштор ва қатлу ғорат ба кор рафтаанд. Муаллифону мутарҷимони таърихномаҳои асрҳои X-XIII кӯшиш намудаанд, ки чунин ваҳшатро бо истифодаи ибораҳои фразеологии мухталиф баён кунанд, то ки хотири хонанда сахт озурда нагардад. Ҷӯраева С. Б. дар диссертатсия маҳз ҳамин гуна унсурҳои луғавии дар ин гуна асарҳо бакоррафтаро ба риштаи таҳлил кашидааст.

Боби охири диссертатсия фарогири масъалаи истифодаи воҳидҳои фразеологии нодир дар осори таърихии садаҳои зикршуда аст.

Аз мутоилаи ин боб маълум мегардад, ки дар таърихномаҳои асрҳои X-XIII дар қатори воҳидҳои фразеологии дар ҳама давру замон маъмул боз онҳое низ бисёр ба кор рафтаанд, ки бо камёбу нодир буданашон фарқ мекунанд. Диссертант чунин унсурҳои луғавиро аз рӯи дараҷаи нодир буданашон ба шаш гурӯҳ тақсим кардааст: воҳидҳои фразеологии дар фарҳангномаҳо шарҳёфта; танҳо дар осори муаллифони алоҳидаи

садаҳои X-XIII истифодашуда; то садаи XIII фақат дар таърихномаҳо бакоррафта; ҳам дар осори пешиниён, ҳам баъдинаҳо мустаъмал; воҳидҳои фразеологии шарҳашон дар фарҳангномаҳо пайдонагардида ва ибораҳои рехтаи аз забони арабӣ тарҷумагардида.

Ҳамин тавр, Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна аз иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошта баромадааст, барои таҳлили ин масъала аз ҳафт осори таърихии дар асрҳои X- XIII эҷодшуда мавод ҷамъ овардааст, онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кардааст, умумияту фарқашонро аз ҳамдигар нишон додааст.

Бояд гуфт, ки масъалаи истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар асоси маводи таърихномаҳои садаҳои X- XIII бори аввал мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва навоварии диссертатсия ҳам дар ҳамин зоҳир мешавад.

Дар автореферати диссертатсия баробари комёбиҳо баъзе камбудиҳо, низ дида мешаванд, ки ислоҳои онҳо боиси афзун шудани ҳусни таҳқиқот хоҳад шуд. Онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Муаллиф ба масъалаи воҳидҳои нодир боби алоҳида бахшидааст, аммо чунин унсурҳои забон дар бобҳои дуюму сеюм низ гоҳо зикр шудаанд.
2. Автореферат бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, вале боз дар он як қатор ғалатҳои имлоиву китобат дида мешаванд.

Кори анҷомдодаи Ҷӯраева С. Б. таҳқиқоти мустақилона ба шумор рафта, ин масъала бори аввал дар забоншиносии тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Монография ва мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расонидаи Ҷӯраева С. Б. мазмуни кори имлияшро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат намуда, мавзуи рисола ва мазмуну

муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Ба ин тариқ, диссертатсияи Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна дар мавзуи “Вижагиҳои маъноиву сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар таърихномаҳои садаҳои X-XIII” ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ аст.

Муқарриз:
доктори илмҳои филология,
профессор, мудири кафедраи забонҳо
ва фанҳои гуманитарии Филиали
Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ
“МИСиС” дар шаҳри Душанбе Нозимов А.А.

Имзои профессор Нозимов Абдулҳамид
Абдуалимовичро тасдиқ
мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои филиали
Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ
“МИСиС” дар шаҳри Душанбе Зарипова М.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

04.11.2022 г. г.Душанбе